**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон**
**(734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)**

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзӯи “Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ яке аз шартҳои муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба шумор меравад. Пурзур намудани раванди ҳамгироии иқтисодӣ дар самти ҳамкориҳои сармоягузориву тиҷоратӣ аз нуқтаи назари таъмини рушди устувор басо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад.

Диссертант дар автореферат дуруст қайд менамояд, ки Сармоягузорӣ барои таъмини шуғли аҳолӣ барои рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад. Дар баробари ин, сармоягузорӣ дар такмили низоми андоз барои пешбурди рушди иқтисодӣ ва субот муҳим аст. Татбиқи сиёсати муассири андоз метавонад соҳибкоронро ба сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва саҳмгузорӣ ба рушди умумии иқтисодӣ ҳавасманд кунад. (саҳ. 11).

Возеҳ аст, ки имрӯз муайян кардани соҳаҳои афзалиятнок барои ҳар як минтақа бо назардошти иқтидори захиравии он, мавқеи ҷуғрофӣ, ашёи хом барои саноат, мавҷудияти қувваи корӣ, имкониятҳои сайёҳӣ ва дигар омилҳо барои иқтисоди муосири минтақаву кишвар аҳамияти хоса дорад.

Дар автореферати диссертатсия ошкор гардидааст, ки Мусоидати давлат барои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, яке аз роҳҳои ҳар чӣ бештар ҷалб намудани сармоягузориҳо ба минтақаҳо мебошад. Таъсиси МОИ, ки бо режими махсуси ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд ва имтиёзҳои андоз дар асоси тартиботи соддакардашудаи маъмурӣ, боҷҳои гумрукӣ ва дигар имтиёзҳоро доранд, барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ бештар мувофиқ мебошанд. (саҳ 15).

Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда, вазифаҳоро оиди проблемаи баррасишаванда саривақт иҷро намудааст. Сатҳи баланди илмии

автореферати диссертатсия барои хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот низ пурра иҷро шудаанд.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд.

1. Танзими давлатии масъалаҳои идоракунии раванди сармоягузории минтақаҳои кишвар дар автореферат ба таври васеъ таҳлили худро наёфтааст.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат самаранокии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ боз ҳам васеътар нишон дода мешуд.

Албатта, эродҳои мазкур сатҳи илмии диссертатсияро паст карда наметавонанд ва хусусияти тавсиявиро доро мебошанд. Умуман аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмиву назариявӣ навишта шудааст.

Диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзӯи “Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли Вилояти Хатлон), дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Досиев М.Н.

Имзои Досиев М.Н.,-ро тасдиқ менамоям,
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

*Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734003, кӯчаи Саид Носир, 33 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, почтаи эл.: info@apa.tj, тел: +992(37) 224-17-86, 372-24-17-86*